**Суратҷаласаи №15-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

аз 06.05.2025

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

6 майи соли 2025, соати $15^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** дар мавзуи “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Диссертатсия дар шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Низомова Санавбар Фахриевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

2. **Табарзода Хайрулло Назар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муаллими кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Баромад намуданд:**

1. Раиси шуро: Шарифзода Ф.Х.

2. Котиби илмии шуро: Мухамедходжаева Р.

3. Унвонҷӯ: Анварзода Мавҷуда Анварӣ.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода, Мақсудзода Б. ва Нуров П. ҷавоб дод.

Гузориши роҳбари илмии унвонҷӯ - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло шунида шуд.

Гузориши муқарризони расмӣ:

1. **Низомова Санавбар Фахриевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

2. **Табарзода Хайрулло Назар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муаллими кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Назарзода С.

2. Султон Ҳасан Баротзода.

3. Хоҷаев Д.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Султон Ҳасан Баротзода, Қосимӣ Саъдӣ ва Ҳакимов Аскар интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани гузориши раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Анварзода Мавҷуда Анварӣ додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ**

**аз 6.05.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** дар мавзуи “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино – **Низомова Санавбар Фахриевна**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муаллими кафедраи

забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон – **Табарзода Ҳайрулло Назар**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода ва Хоҷаев Давлатбекро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Анварзода Мавҷуда Анварӣ**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** дар мавзуи “Таҳқиқи вожаю истилоҳоти ҳунармандӣ дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Анварзода Мавҷуда Анварӣ** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,<br>доктори илмҳои филологӣ — Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,<br>номзади илмҳои филологӣ — Мухамедходжаева Р.

6 майи соли 2025